12222 - Оё арабҳо пеш аз рисолати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Аллоҳро мешинохтанд?

савол

Мо медонем, ки номи падари паёмбари гиромии мо Абдуллоҳ буд ва ӯ пеш аз таваллуд шудани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) вафот карда буд. Бо ин замина, лутфан бигӯед, ки фаҳмиши арабҳо дар бораи "Аллоҳ" пеш аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ гуна буд? Оё онҳо пеш аз таваллуди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) маънои ин калимаро мефаҳмиданд? Чӣ гуна Аллоҳро аз бутҳо фарқ мекарданд, ин дар суратест, ки агар аслан онҳо Аллоҳро аз бутҳо фарқ мекарда бошанд? Ташаккур ба Шумо.

Ҷавоби муфассал

Бояд бидонед, ки ҷомеаҳои араб пеш аз Ислом ҷомеаҳои мулҳиди беимоне набуданд, ки вуҷуди Аллоҳро инкор кунанд ва ҳамчунин ҷомеаҳое набуданд, ки аз вуҷуди Парвардигор, Офаридгор ва Ризқдиҳанда бехабар бошанд. Баръакс, онҳо инро медонистанд ва дар миёни онҳо бақоёи дини Иброҳим (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) вуҷуд дошт ва ҳамчунин бо яҳудиёну насрониён робита доштанд. Аммо мушкили онҳо дар он буд, ки онҳо ибодатро танҳо барои Аллоҳ бидуни шарик анҷом намедоданд, балки маъбудҳоеро, ки мепарастиданд, бо Ӯ шарик қарор медоданд. Онҳо ин бутҳоро на бо эътиқоди он ки ин бутҳо парвардигор, офаридгор ва ризқдиҳандаанд, мепарастиданд, балки иддао мекарданд, ки онҳо воситаҳо ва миёнаравоне байни онҳо ва Аллоҳ ҳастанд, ки онҳоро ба Аллоҳ наздик месозанд. Аз ин сабаб Аллоҳ таъоло дар бораи онҳо фармудааст:

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ اللهُ

سورة الزخرف: ٨٧

«Агар аз онон (мушрикон) бипурсӣ, ки чӣ касе ононро офаридааст, ҳатман мегӯянд: "Аллоҳ"». (Сураи Зухруф: 87).

Ин далолат мекунад, ки онҳо эътироф мекарданд, ки Аллоҳ Офаридгор аст. Дар ояти дигар Аллоҳ фармудааст:

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ اللهُ

سورة الزمر: ٣٨

«Агар аз онон (мушрикон) бипурсӣ: "Чӣ касе осмонҳову заминро офаридааст"? Ҳатман мегӯянд: "Аллоҳ"». (Сураи Зумар: 38).

Бисёр оятҳо далолат мекунанд, ки онҳо ба тавҳиди рубубият имон доштанд. Ширки онҳо дар тавҳиди улуҳият буд, чунон ки Аллоҳ дар бораи онҳо фармудааст:

وَالَّذِينَ اتَّخَذُوا مِن دُونِهِ أَوْلِيَاءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَا إِلَى اللهِ زُلْفَىٰ

سورة الزمر: ٣

«Ва касоне, ки ба ҷои Ӯ дӯстоне гирифтаанд, (мегӯянд:) "Мо ононро ибодат намекунем, магар барои он ки моро ба Аллоҳ наздик кунанд"». (Сураи Зумар: 3).

Яъне, онҳо мегуфтанд: Мо онҳоро танҳо барои он мепарастем, ки онҳо моро ба Аллоҳ наздик кунанд.